# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-081 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» оид ба диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ)**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, ки тибқи қарори Шурои диссертатсионӣ аз 14.06.2025 протоколи №5 дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Муҳиддинов Сайдалӣ Раҷабович (раис), номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Комилзода Шариф, номзади илмҳои педагогӣ Абдумуминзода Ситора интихоб шудааст, мутобиқи талаботи бандҳои 56-60-уми Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 57-60-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо – қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудаанд, диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайалиро дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» мавриди омӯзишу санҷиш ва баррасӣ қарор дода, ба хулосаи зерин омад:

1. Дар даврони шуравӣ муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаву марказҳои библиографӣ тавассути роҳандозии хадамоти китобдорӣ-библиографӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани завқи китобхонии аҳолӣ саҳми муносиб гузоштанд. Ҳарчанд раванди ташаккул ва рушди муассисаҳои китобдорӣ-библиографӣ ба замони шуравӣ рост меояд, вале шароиту имконияти нисбатан васеъ барои омӯзишу баррасии муттасилу мақсадноки таърихи ин муассисаҳо баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ба миён омад. Ин раванд тақозо намуд, ки арзишҳои илмиву адабӣ ва фарҳангии замони шуравӣ бо дарназардошти талаботи даврони соҳибистиқлолӣ таҷдиди назар шаванд. Бинобар ин, дастрас гардидани маъхазу сарчашмаҳои ҳуҷҷатӣ ва баррасии онҳо аз нигоҳи воқеияти замон таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба таҳқиқи таърихи фаъолияти муассисаҳои китобдорӣ-библиографии даврони шуравӣ бештар ҷалб намуд. Дар ин робита таваҷҷуҳ ба омӯзиши таъриху фарҳанги халқи тоҷик афзуда, дар заминаи он таҳқиқи равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990 мубрамиятро касб кард ва имкон дод, ки муҳаққиқону муаррихон ба саҳифаҳои таърихи гузаштаву имрӯза, дастоварду проблемаҳо ва норасоиҳо аз нуқтаи назари нав назар афкананд. Аммо, то имрӯз дар илми библиографияшиносии тоҷик оид ба ин масъалаи муҳим таҳқиқоти мустақили назаррас ба анҷом нарасидааст. Аз ин рӯ, мавриди таҳқиқ қарор гирифтани диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи

«Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) саривактиву рӯзмарра буда, барои муайян намудани дурнамои рушди библиографияи тоҷик чӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва чӣ аз ҷиҳати таърихӣ аҳаммияти илмию амалиро доро мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.09.2020, № 503), принсипҳои асосии рушди «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, № 636), «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.04.2021, № 115) робита дошта, ҷиҳати татбиқи бандҳои дахлдори онҳо мусоидат мекунад.

2. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Сайзароб Сайали, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосие, ки диссертант барои ҳимоя пешниҳод намудааст, бешак барои асосноксозии таърихи падидоӣ, равандҳои таҳаввул ва рушди назария ва амалияи библиографияи тоҷик шароит фароҳам оварда, ҷиҳати муайяну мушаххас намудани дастоварду мушкилот ва дурнамои рушди он мусоидат менамояд.

3. Эътимоднокии асосии методологӣ ва назариявии таҳқиқот дар омӯзиши адабиёти илмӣ, тарҳрезии мантиқии сохтори диссертатсия, дуруст муайян кардани мақсаду вазифа, объекту предмети таҳқиқот, ҷараёни таҳлили назариявии мавзуъ, истифодаи дурусту мақсадноки методҳои пажуҳиш, ҳамзамон таҳлилу хулосаҳои диссертант баръало зоҳир мегардад. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва навгонии илмии таҳқиқот саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дар ҷараёни пажуҳиши мавзуъ собит менамоянд.

4. Натиҷаҳои бадастомада ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшуда вобаста ба татбиқи амалии онҳо дорои арзиши баланди назариявию амалӣ буда, барои таърихнигории давраҳои асосии рушди библиографияи тоҷик замина гузошта, ҷиҳати муайян намудани арзиш ва мавқеи тафаккури библиографӣ дар рушди назария ва амалияи соҳа, ҳамзамон, муайян намудани дурнамои рушди фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ мусоидат менамоянд.

5. Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) ва Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд, комилан мувофиқ мебошад.

6. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 21 мақолаи интишорнамудаи диссертант, аз ҷумла 5 мақола дар нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3

дастури методию библиографӣ инъикос ёфта, ба мазмуну мундариҷаи он робитаи мустақим доранд. Шумораи таълифоти илмии диссертант ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

7. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳаҷми 191 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, чаҳор фасл, хулоса, феҳристи манбаъҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (278 номгӯй), замимаҳо (9 ҷадвал) иборат аст.

8. Тамоми адабиёти истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва сарчашмаҳо тавассути иқтибос ба расмият даровarda шуда, талаботи стандарт дар ин самт риоя карда шудааст.

9. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, матни диссертатсия ва автореферати он ба талаботи банди 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30.06.2021 ва тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 295 аз 26.06.2023 мувофиқат мекунад.

10. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Нодирзода Сайзароб Сайвали маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

11. Диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) кори таҳқиқотии анҷомёфта буда, мустақилона иҷро карда шудааст ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Барои арзёбии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба сифати муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин тавсия дода шаванд:

- **Сафаралиев Бозор Сафаралиевич** – доктори илҳои педагогӣ, профессори кафедраи фаъолияти иҷтимой-фарҳангии Донишкадаи давлатии фарҳанги Челябинск.

- **Камолзода Сайфиддин** – номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор оид ба илм, захираҳои иттилоотӣ ва хизматрасонӣ ба истифодабарандагони Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбари диссертатсияи мазкур **Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилооти** Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**4.** Барои нашру паҳнамоии диссертатсия ва автореферати он, инчунин, гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**5.** Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол намудани он ба суроғаи тайиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих,
профессор, муовини раиси
Шурои диссертатсионӣ Муҳиддинов С.Р.
**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Комилзода Ш.

номзади илмҳои педагогӣ, мудири
шуъбаи магистратура, докторантура (PhD)
ва унвонҷӯёни Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Абдумуминзода С.

«12» 07 соли 2025

Имзоҳои С.Р. Муҳиддинов, Ш. Комилзода ва С. Абдумуминзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ «ДДФСТ номи
Мирзо Турсунзода» Ҳомидова Заррина Ҳабибовна

**Маълумот барои тамос:**
**Нишонӣ:** 734032, ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, 73а.
МДТ «ДДФСТ номи Мирзо Турсунзода».
Тел.: +992 372 2311827
Сомона: www.ddst.tj